КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОМИТЕТ ПО ЧРЕЗВЫЧАЙНЫМ СИТУАЦИЯМ И ГРАЖДАНСКОЙ ОБОРОНЕ
ПРИ ПРАВИТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН



# ШАРҲИ ВАЗЪИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2017

# ОБЗОР О ЧРЕЗВЫЧАЙНЫХ СИТУАЦИЯХ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ЗА 2017 ГОД

ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ
ЗАЩИТА
СПАСЕНИЕ

ПЕШГИРӢ
ҲИФЗ
НАҶОТ

PREVENTION
DEFENSE
SALVATION



«...Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳодисаҳои табиӣ ва геологиву гидрологӣ, аз қабили боронгариҳои тӯлониву обхезӣ, омадани селу ярч, боридани барфи зиёду фаромадани тарма, инчунин, заминларза ба амал омада, ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари ҷиддӣ мерасонанд...

...Ҳукумати мамлакат дар ҳама ҳолатҳо бо истифода аз захираву имкониятҳои мавҷуда мардуми кишварро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд. Зеро дастгирӣ кардани мардум дар чунин лаҳзаҳои мушкил ва дасти кумаку ёрмандӣ дароз кардан ба онҳо қарзи инсониву виҷдонии мост...»

**Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ дар ҷаласаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда 10.02.2017**

«...В Республике Таджикистан ежегодно происходят природные, геологические и гидрологические явления, такие как обильные дожди, наводнения, сход оползней и селей, обильные снегопады и сход лавин, землетрясения, наносящие серьезный ущерб населению и экономике страны...

...Правительство страны в любых ситуациях, используя имеющимися ресурсами и возможностями, всестороннее поддерживает население страны. Ибо поддержка населения в таких сложных минутах, оказание ему помощи является человеческим долгом...»

**Из выступления Президента Республики Таджикистан, Председателя Государственной Комиссии по чрезвычайным ситуациям Эмомали Рахмона по природным чрезвычайным ситуациям на заседании Государственной комиссии Правительства Республики Таджикистан по чрезвычайным ситуациям 10.02.2017**

# МУНДАРИҶА


**I. ПЕШГУФТОР ... 3**
**II. ҶАЛАСАИ КОМИССИЯИ ДАВЛАТИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ... 5**
**III. ОГОҲКУНӢ, ПЕШГӢӢ, ҲИФЗИ АҲОЛӢ ВА ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДАИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ ... 9**
Таҳлили ҳолатҳои фавқулодда, ки соли 2017 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд ... 10
Мониторинги кули Сарез ... 12
Мониторинги иншоотҳои радиатсионӣ ва кимиёвӣ ... 17
Мукаммалсозии низоми идоракунӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ... 20
Хабардоркунии аҳолӣ ҳангоми хатар ва сар задани ҳолатҳои фавқулодда ... 25
Фаъолияти Кумита дар самти кор бо ҷомеа дар соли 2017 ... 27
**IV. ЧОРАБИНИҲО ОИД БА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ ... 30**
Тайёрӣ ва омӯзиши аҳолӣ бо воситаҳои ҳифз аз таҳдиди хатарҳо ... 31
Чорабиниҳо оид ба барқарорсозӣ ва назорати амволи мудофиаи гражданӣ ... 35
Эвакуатсияи аҳолӣ аз минтақаҳои хавфнок ба ноҳияҳои бехатар ... 37
**V. ЧОРАБИНИҲОИ САДАМАВӢ-НАҶОТДИҲӢ ... 40**
Ҷустуҷӯ ва наҷоти одамоне, ки бар асари ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ зарар дидаанд ... 41
Расонидани кумаки то тиббӣ ва ёрии аввалини тиббӣ ба зарардидагон ва интиқоли онҳо ба муассисаҳои табобатӣ ... 45
**VI. ЧОРАБИНИҲО ОИД БА МУСТАҲКАМСОЗИИ ИҚТИДОРИ КУМИТА ... 46**
Муҷаҳҳазгардонии сохторҳои Кумита бо техника ва таҷҳизоти ҳозиразамон ... 47
Навсозӣ ва сохтмони бино, иншоот, муассисаҳои таълимӣ, қисмҳои ҳарбӣ ва сохторҳои КҲФ ва МГ ... 49
Чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани иқтидори кадрӣ ... 52
**VII. ТАНЗИМИ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚӢ ... 55**
Такмилдиҳии сохтори КҲФ ва МГ ... 56
Лоиҳаи «Барномаи Рушди КҲФ ва МГ барои солҳои 2018–2022» ... 58
Лоиҳаи «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хатари офатҳо барои солҳои 2018–2030» ... 60
**VIII. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ... 61**
Таҳия ва имзои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳамкорӣ дар самти огоҳонӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ... 62
Ташрифҳо. Вохӯриҳо ... 64
Ёрии бебозгашт ... 75
Иштироки намояндагони КҲФ дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ... 76


# СОДЕРЖАНИЕ


**I. ПРЕДИСЛОВИЕ ... 3**
**II. ЗАСЕДАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ КОМИССИИ ПО ЧРЕЗВЫЧАЙНЫМ СИТУАЦИЯМ ... 5**
**III. ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ, ПРОГНОЗИРОВАНИЕ, ЗАЩИТА НАСЕЛЕНИЯ И ТЕРРИТОРИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОТ ЧРЕЗВЫЧАЙНЫХ СИТУАЦИЙ ПРИРОДНОГО И ТЕХНОГЕННОГО ХАРАКТЕРА ... 9**
Анализ чрезвычайных ситуаций, зарегистрированных на территории Республики Таджикистан в 2017 году ... 10
Мониторинг озера Сарез ... 12
Мониторинг радиационных и химических объектов ... 17
Совершенствование системы управления в чрезвычайных ситуациях ... 20
Оповещение населения при угрозе и возникновении чрезвычайных ситуаций ... 25
О проделанной работе Комитета с общественностью в 2017 году ... 27
**IV. МЕРОПРИЯТИЯ ПО ГРАЖДАНСКОЙ ОБОРОНЕ ... 30**
Подготовка и обучение населения способам защиты от опасностей ... 31
Мероприятия по восстановлению и контролю имущества гражданской обороны ... 35
Эвакуация населения из опасных зон в безопасные районы ... 37
**V. АВАРИЙНО-СПАСАТЕЛЬНЫЕ МЕРОПРИЯТИЯ ... 40**
Поиск и спасение людей, пострадавших в результате чрезвычайных ситуаций природного и техногенного характера ... 41
Оказание доврачебной и первой медицинской помощи пострадавшим и их транспортировка в лечебные учреждения ... 45
**VI. МЕРОПРИЯТИЕ ПО УКРЕПЛЕНИЮ ПОТЕНЦИАЛА КОМИТЕТА ... 46**
Оснащение подразделений Комитета современной техникой и оборудованием ... 47
Модернизация и строительство зданий, сооружений, учебных заведений, войсковых частей и подразделения КЧС и ГО ... 49
Мероприятия по повышению кадрового потенциала Комитета ... 52
**VII. НОРМАТИВНО-ПРАВОВОЕ УРЕГУЛИРОВАНИЕ ... 55**
Реформирование КЧС и ГО ... 56
Проект «Программы развития Комитета по ЧС и ГО на 2018–2022 г.г.» ... 58
Проект «Национальной стратегия Республики Таджикистан по снижению риска бедствий на 2018–2030 г.г.» ... 60
**VIII. МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ... 61**
Разработка и подписание нормативно-правовых актов о сотрудничестве в области предупреждения и ликвидации ЧС ... 62
Визиты. Встречи ... 64
Безвозмездная помощь ... 75
Участие представителей КЧС на международных и региональных мероприятиях ... 76

## ПЕШГУФТОР

Хонандаи гиромӣ! Ба таваҷҷӯҳи Шумо маҷаллаи солонаи таҳлилии «Шарҳи вазъи ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017», ки аз ҷониби мутахассисони Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҲФ ва МГ) омода шудааст, пешниҳод мегардад.

Дар соли 2017 дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳодисаҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ дошта, аз қабили боришоти пуршиддати барфу борон, фаромадани ярч, сел, тарма ва заминҷунбӣ рух доданд, ки ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари ҷиддӣ расониданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳодисаҳои мазкур, ба равандҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим дар минтақа вобаста мебошанд.

Боби аввали Шарҳ таҳлили ҳолатҳои фавқулоддаро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 ба қайд гирифта шудаанд, инчунин татбиқи натиҷаи чорабиниҳои ба нақша гирифтаи Кумитаро оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди кишвар аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, дар бар гирифтааст.

Маводи дар фасли дуюм ҷойгиршуда ба хонанда имконият медиҳад, ки доир ба ҳолатҳои фавқулоддаи рухдода дар Тоҷикистон, инчунин дар бораи чораҳои андешидашуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо, маълумоти пурра пайдо намояд.

Дар боби навбатии Шарҳ оид ба пешгирӣ, пешгӯӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда, мониторинги кули Сарез, инчунин дар бораи чорабиниҳои дар иншоотҳои радиатсионӣ ва кимиёвӣ баргузорнамудаи мутахассисони Кумита маълумоти муфассал оварда шудааст.

Дар боби чорабиниҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ аз натиҷаҳои фаъолияти хизматии КҲФ ва МГ оид ба ҷустуҷӯ ва наҷоти одамон, ки дар натиҷаи рух додани ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ осеб дидаанд, инчунин дар бораи расонидани ёрии аввалини тиббӣ ва интиқоли онҳо ба муассисаҳои табобатӣ маълумот ҷойгир карда шудааст.

Дар Шарҳ инчунин маълумоти пурра дар бораи тадбирҳо оид ба таҳкими иқтидори КҲФ ва МГ, аз ҷумла дар бораи фаъолияти хизматии Кумита ҷиҳати ҳалли самараноки масъалаҳои гузошташуда дар самти ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, татбиқ ва такмили сохтори Кумита, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017 тасдиқ гардидааст, инчунин оид ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, оварда шудааст.

## ПРЕДИСЛОВИЕ

Уважаемый читатель! Вашему вниманию предоставляется ежегодный, аналитический журнал «Обзор о чрезвычайных ситуациях в Республике Таджикистан за 2017 год», подготовленный специалистами Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан (далее – КЧС и ГО).

В 2017 году в Таджикистане был зафиксирован ряд чрезвычайных ситуаций природного характера, вызванных обильными осадками в виде снега и дождя, схода оползней, селей, лавин и землетрясений, причинивших серьёзный ущерб населению и экономике страны.

Как показывает анализ, указанные природные чрезвычайные ситуации обусловлены происходящими природными процессами и изменением климата в регионе.

Первая глава Обзора включила в себя анализ чрезвычайных ситуаций, зарегистрированных на территории Республики Таджикистан в 2017 году и итоги реализации намеченных Комитетом мероприятий по защите населения и территории страны от чрезвычайных ситуаций природного и техногенного характера.

Размещенные во втором разделе материалы предоставляют возможность читателю получить информацию о произошедших за отчётный период в Таджикистане чрезвычайных ситуациях, а также о мерах, принимаемых Правительством Республики Таджикистан по предупреждению и ликвидации их последствий.

Следующий раздел Обзора охватывает материалы по предупреждению, прогнозированию и реагированию на чрезвычайные ситуации, мониторинг Сарезского озера, мероприятия, связанные с радиационными и химическими объектами.

В разделе аварийно-спасательных мероприятий размещены итоги служебной деятельности КЧС и ГО по поиску и спасению людей, пострадавших в результате природных и техногенных чрезвычайных случаев, оказанию им первой медицинской помощи и их эвакуации в лечебные учреждения.

В Обзоре также отражены мероприятия по укреплению потенциала КЧС. Служебная деятельность Комитета направлена на эффективное решение поставленных задач в сфере чрезвычайных ситуаций и гражданской обороны, реализации, реформирование структуры Комитета, утвержденной Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 29 ноября 2017 года, а также укрепления международного сотрудничества в сфере предупреждения и ликвидации чрезвычайных ситуаций.

Татбиқи ин ва дигар вазифаҳои гузошташуда аз кормандони КҲФ ва МГ касбияти баланд, хислатҳои хуби ахлоқӣ, омодагии доимӣ ба эътинои саривақтӣ ба офатҳои эҳтимолии табиӣ ва расонидани кӯмак ба шаҳрвандоне, ки ба он ниёз доранд, талаб менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда, ки 10 феврали соли 2017 баргузор гардид, хатари ҳодисаҳои табииро махсус қайд намуда, зарурати пешгӯии саривақтӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии онҳоро бори дигар зикр карданд.

Дар хотима мехостам изҳори сипоси самимии худро ба ҳамаи шарикони мо барои ҳамкорӣ ва расонидани кӯмак дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба пешгирӣ ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулодда изҳор намоям.

Мо умедворем маълумотҳое, ки дар "Шарҳи вазъи ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017» оварда шудаанд, на танҳо ба хизматчиёни давлатӣ, балки ба аҳли ҷомеа, воситаҳои ахбори омма ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ муфид хоҳанд буд.

**Раиси Кумита**
**Р. Назарзода**

Реализация этих и других поставленных задач требует от сотрудников КЧС и ГО высокого профессионализма, морально-этических качеств, постоянной готовности к своевременному реагированию на возможные стихийные бедствия и оказания помощи гражданам, оказавшихся в беде.

Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон на заседании Государственной Комиссии Правительства Республики Таджикистан по чрезвычайным ситуациям 10 февраля 2017 года, особо отметил опасность указанных природных явлений и необходимость их своевременного прогнозирования, предупреждения и ликвидации.

В заключении хотелось бы выразить искреннюю признательность всем нашим партнерам за сотрудничество и оказание помощи в решении вопросов, связанных с предупреждением и ликвидацией чрезвычайных ситуаций.

Мы выражаем надежду, что информация, представленная в «Обзоре о чрезвычайных ситуациях в Республике Таджикистан за 2017 год», будет полезна не только государственным служащим, но и представителям общественности, средств массовой информации и разных слоев населения.

**Председатель Комитета**
**Р. Назарзода**



# ҶАЛАСАИ КОМИССИЯИ ДАВЛАТИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

10-уми феврали соли 2017 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа аъзои Ҳукумати мамлакат, роҳбарияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор, раисони вилоятҳо ва як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон оид ба ҳолатҳои фавқулодда оид ба афзоиши ҳодисаҳои табиӣ дар давоми панҷ соли охир қайд намуданд. Дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ талафоти ҷонӣ ба қайд гирифта шуда, ба иқтисодиёти мамлакат хисороти зиёд ворид гашт.

Дар ин робита Пешвои миллат пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ ва техногенӣ, бартараф намудани оқибатҳои онҳо, инчунин дастгирию кӯмаки ҳамаҷониба ва саривақтӣ ба аҳолии зарардидаро аз тадбирҳои муҳими сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуданд.

Сарвазири мамлакат, муовини якуми Раиси Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда Қоҳир Расулзода

# ЗАСЕДАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ КОМИССИИ ПО ЧРЕЗВЫЧАЙНЫМ СИТУАЦИЯМ

10 февраля 2017 года под председательством Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона состоялось заседание Государственной Комиссии Правительства Республики Таджикистан по чрезвычайным ситуациям.

В заседании приняли участие члены Правительства, руководство Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, соответствующих министерств, ведомств, председатели областей, городов и районов республики.

Президент Республики Таджикистан, Председатель Государственной Комиссии Правительства Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон отметил, что число стихийных бедствий за последние пять лет значительно увеличилось. В результате стихийных бедствий зарегистрировано гибель людей и нанесен значительный ущерб экономике страны.

В этой связи, Лидер нации подчеркнул, что предотвращение стихийных бедствий природного и техногенного характера, ликвидация их последствий, а также оказания своевременной помощи и поддержка пострадавшему населению являются приоритетными задачами Правительства Республики Таджикистан.

Премьер-министр страны, первый заместитель Председателя Государственной комиссии Прави-



доир ба ҳодисаҳои табиӣ ва тадбирҳои таъҷилии сохторҳои масъули давлатӣ дар бартарафсозии оқибатҳои фалокатбори офатҳои табиӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар гузориш доданд.

Қайд гардид, ки боришоти зиёд ва тармафароӣ вазъиятро дар ноҳияҳои баландкӯҳ вазнин намуда, дар баъзе мавридҳо ба баста шудани роҳҳои автомобилгарди асосӣ ва марги одамон сабаб шуда, ба иқтисодиёти кишвар зарари ҷиддӣ расониданд.

Сарвазири мамлакат изҳор доштанд, ки дар чунин рӯзҳои сахт вазъияти ба амаломада пайваста таҳти назорат ва таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифта буд. Дар доираи дастуру супоришҳои Сарвари давлат тамоми имконоту иқтидорҳои мавҷудаи кишвар ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ дошта, сафарбар карда шуданд.

Дар ҷаласа муовини Раиси Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда – Раиси Кумита генерал-лейтенант Р. Назарзода баромад намуданд.

Раиси Кумита иштирокчиёни ҷаласаро оид ба рӯйдодҳои ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ, ки дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон рух додаанд, шинос намуд.

Дар баромади Раиси Кумита қайд карда шуд, ки бинобар сабаби тағйир ёфтани иқлим

тельства Республики Таджикистан по чрезвычайным ситуациям Кохир Расулзода представил отчёт о чрезвычайных ситуациях в стране и принятых мерах по ликвидации их последствий.

Было подчеркнуто, что обильные снегопады и лавины осложнили ситуацию в высокогорных районах и на некоторое время перекрыли основные автомагистрали, в результате чего имели место факты гибели людей, экономике страны нанесено значительный ущерб.

Премьер-министр отметил, что возникшая в такие сложные дни ситуация постоянно находилась под контролем Правительства Республики Таджикистан. В рамках поручений и указаний Главы государства все ресурсы и возможности были направлены на устранение последствий стихийных бедствий природного и техногенного характера.

На заседании выступил заместитель Председателя Государственной Комиссии по чрезвычайным ситуациям – Председатель Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороны при Правительстве Республики Таджикистан генерал-лейтенант Р. Назарзода.

Председатель Комитета ознакомил участников заседания с произошедшими случаями природных чрезвычайных ситуаций на территории Республики Таджикистан.

зуҳуроти табиӣ сол то сол афзоиш ёфта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола равандҳои геологию гидрологӣ, аз қабили боронгариҳои тӯлонию обхезиҳо, омадани селу ярч ва фаромадани тарма, инчунин заминларза ба амал омада, ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари ҷиддӣ ворид месозад.

Танҳо дар давраи аз моҳи январ то марти соли 2017 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 670 ҳолати тармафароӣ ба қайд гирифта шуд, ки бар асари офати табиӣ 23 нафар шаҳвандони ҷумҳурӣ ба ҳалокат расидаанд.

Дар фарҷоми суханронӣ Раиси Кумита бо мақсади то андозае кам кардани зарари офатҳои табиӣ пешниҳод намуданд, ки ноҳияҳои дорои хавфи офатҳои табиӣ, бо маводи зарурӣ, аз қабили сӯзишворӣ, семент, арматура ва симтур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шаванд.

Инчунин, ҳисоботҳои роҳбарони Вазорати нақлиёт, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Ширкати "Иновайтив Роуд Салюшенс", раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. вилоятҳои Хатлон ва Суғд оид ба вазъи кунунии минтақаҳои зарардида ва тадбирҳои аввалиндараҷа дар самти пешгирӣ ва бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон ва иншоотҳои муҳими иқтисодӣ шунида шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирокчиёни ҷаласаро ҷиҳати бартарафсозии мушкилоту монеаҳои мавҷуда ва таъмини фаъолияти бонизоми мақомоти давлатӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ вазифадор намуданд.

Аз ҷумла, ба идораҳои дахлдор дастур дод, ки барои дар мӯҳлатҳои кӯтоҳ бартараф намудани мушкилот дар роҳҳои автомобилгарди мамлакат, тоза кардани иншооти роҳу нақлиёт аз барфу тарма, таҳияи нақшаи нави сохтмони иншооти ҳимоявӣ дар шоҳроҳҳое, ки аз мавзеъҳои баландкӯҳ мегузаранд, тақвияти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҳама минтақаҳои хавфнок ва расонидани ёрию дастгирии ҳамаҷонибаи аҳолии зарардида, хусусан оилаҳои наздиконашонро дар натиҷаи ин ҳодисаҳои табиӣ аз даст додаанд, тадбирҳои ҳамаҷониба андешида шаванд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои вусъат бахшидани корҳои наҷотдиҳӣ ва беҳдошти ҳолати омодабошии наҷотдиҳандагони дастаҳои зудамал дар вилояту минтақаҳо, таҳияи нақшаи чорабиниҳои пешгирӣ аз ҳолатҳои фавқулодда, ташкили ҷадвали навбатдории шабонарӯзӣ дар минтақаҳои хавфнок ва омӯзишу таҳлили вазъи

В выступлении Председателя Комитета было отмечено, что в связи с изменением климата с каждым годом увеличиваются случаи стихийных бедствий природного характера. В Республике Таджикистан ежегодно возникают геологические и гидрологические процессы, такие как продолжительные дожди и наводнения, прохождение селей, сход оползней и лавин, а также землетрясения, которые наносят значительный ущерб населению и объектам экономики страны.

Только с января по март 2017 года на территории Республики Таджикистан зарегистрировано 670 случаев схода снежных лавин, в результате которых погибло 23 граждан республики.

В заключении Председатель Комитета предложил в целях уменьшения ущерба стихийных бедствий обеспечить районы, наиболее подверженные стихийным бедствиям, необходимыми материалами в виде топлива, цемента, арматуры и габионной сетки.

Также, были заслушаны отчеты руководителей Министерства транспорта, Агентства по мелиорации и ирригации, Компании «Иновайтив Роуд Салюшенс», председателей ГБАО, Хатлонской и Согдийской областей, которые информировали о результатах принятых оперативных мер по устранению последствий стихийных бедствий, обеспечению безопасности граждан и важных объектов экономики.

Президент Республики Таджикистан, Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон поручил участникам заседания устранить имеющиеся недостатки и обеспечить реализацию государственной политики Республики Таджикистан в сфере чрезвычайных ситуаций и гражданской обороны.

В частности, соответствующим ведомствам поручил в кратчайшие сроки расчистить дорожно-транспортные объекты от снега и лавин, разработать новый план строительства защитных сооружений на горных автомагистралях, усилить берегоукрепительные работы во всех опасных регионах, а также оказать всестороннюю помощь и поддержку пострадавшему населению, особенно семьям, потерявшим в результате этих стихийных бедствий своих близких.

Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон также поручил принять неотложные меры по повышению эффективности аварийно-спасательных работ, улучшению состояния готовности спасателей оперативных групп в областях и регионах, организации круглосуточного дежурства в опасных регионах, мониторинга состояния ледников и озер, а также разработать план профилактических мероприятий чрезвычайных ситуаций на территории страны.

пиряххо, кулҳо ва захираҳои барф дар қаламрави мамлакат дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Ҳамчунин, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори мамлакат вобаста ба ҳалли масъалаҳои кӯчонидани аҳолӣ аз мавзеъҳои хавфнок ва пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ ҳангоми тақсимоти мақсадноки захираҳои давлатӣ ва кӯмакҳои башардӯстона ба аҳолии зарардида, вазифадор гардиданд.

Аз масъулини соҳаҳои дахлдор омодагии ҳамаҷониба ба мавсими гармо, тақвияти баргузории корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар минтақаҳои нисбатан хавфнок бо ҷалби иқтидор ва истифодаи имкониятҳои мавҷуда, нерую тавоноии аҳолии маҳаллӣ бо роҳи гузаронидани ҳашарҳои оммавӣ, васеъ ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути воситаҳои ахбори омма оид ба огоҳ кардани аҳолӣ аз эҳтимолияти ба вуқӯъ омадани ҳар гуна ҳодисаҳои фавқулодда, талаб карда шуд.

Руководителям министерств и ведомств поручено своевременно решать вопросы, связанные с переселением жителей из потенциально-опасных участков, наиболее подверженных к чрезвычайным ситуациям природного характера, активизировать сотрудничество с международными организациями в решении вопросов ликвидации последствий чрезвычайных ситуаций.

Ответственным должностным лицам поручено всесторонне подготовиться к весенне-летнему сезону, активизировать проведения работ в опасных регионах с привлечением имеющихся ресурсов, местного населения, проведения хашаров, проводить разъяснительные мероприятия среди населения, через СМИ оповещать их о вероятности возникновения различных чрезвычайных ситуаций.



# III. ОГОҲКУНӢ, ПЕШГӮӢ, ҲИФЗИ АҲОЛӢ ВА ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДАИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ

# III. ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ, ПРОГНОЗИРОВАНИЕ, ЗАЩИТА НАСЕЛЕНИЯ И ТЕРРИТОРИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОТ ЧРЕЗВЫЧАЙНЫХ СИТУАЦИЙ ПРИРОДНОГО И ТЕХНОГЕННОГО ХАРАКТЕРА

# ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, КИ СОЛИ 2017 ДАР ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУДААНД

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зуҳурот ва равандҳои хатарноки табиӣ, аз қабили селҳо, ярчҳо, тармаҳои барфӣ, шамолҳои шадид, боришоти боронҳои сахт, заминларзаҳо, хушксолиҳо, хунукиҳо, жолаи калон, боришоти барфи зиёд, гармии сахт сабт карда мешаванд. Аз ҳодисаҳои фавқулоддаи номбурда яке аз зуҳуроти зараровари табиӣ ин тармафарой, ярч ва сел ба шумор мераванд.

Ҳолатҳои фавқулодда на танҳо ба одамон, балки ба иқтисодиёти кишвар низ зарар мерасонанд. Онҳо ба таъмини фаъолияти зисти аҳолӣ таъсир расонида, ба амвол хисорот расонида, инчунин, мувозинати ҳамаи низомҳои ҳаётро вайрон месозанд.

Сабабҳои асосии нигоҳдорӣ ва зиёд гардидани хатарҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим мебошад. Инчунин, ба ин раванд ҷойгиркунии нодурусти иншооти иқтисодиёт; тақсимоти қитъаҳои замин дар минтақаҳои эҳтимолан хатарноки табиӣ; самаранокии нокифояи низомҳои назорати муҳити зист; мавҷуд набудан ва ё ҳолати бади иншоотҳои гидротехникӣ, зиддиярчӣ, зиддитармавӣ ва дигар иншооти муҳандисии муҳофизатӣ ва риоя накардани сохтмони ба заминларза тобовар, асосан дар маҳалҳои кӯҳӣ, мусоидат менамояд.

Таҳлилҳои ҳолатҳои фавқулодда нишон медиҳанд, ки дар соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 883 зуҳурот ва равандҳои хатарноки табиӣ ба қайд гирифта шуданд, аз ин ҷумла – 720 ҳодисаи фаромадани тарма, ҳодисаи омадани сел–41, ҳодисаи баландшавии об дар дарёҳо– 32, ҳодисаи ярч–23, ҳодисаи заминларза– 33, ҳодисаи фаромадани сангреза – 21 ва ҳодисаи шамоли шадид – 13 мебошанд. Аз шумораи умумии ҳодисаҳои бақайдгирифташуда 56 ҳолат зарари моддии ҷиддӣ ба хоҷагии халқ ва аҳолӣ расонидаанд.

Аз шумораи умумии ҳолатҳои фавқулоддаи бақайдгирифташуда 20,2 % – заминларза; 19,1 % – сел; 19,1 % – сангрез; 16 % – фаромадани тарма; 8,5 % – обхезӣ; 4,3 % – ярч; 3,2 % – боришоти барфи зиёд ва хунукиҳо; 3,2% – намнокӣ; 1,1 % – баландшавии сатҳи оби дарёҳо ва 5,3% – шамолҳои шадид ташкил медиҳанд.

Омилҳои асосии ҳалокати одамон ҳангоми ҲФ-и табиӣ инҳо мебошанд: тармафарой – 21 нафар (67,7 %), сангрезиҳо – 3 нафар (9,7 %), ярчҳо –

# АНАЛИЗ ЧРЕЗВЫЧАЙНЫХ СИТУАЦИЙ, ЗАРЕГИСТРИРОВАННЫХ НА ТЕРРИТОРИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В 2017 ГОДУ

На территории Республики Таджикистан фиксируются такие опасные природные явления и процессы как сели, оползни, снежные лавины, штормовые ветры, ливневые дожди, землетрясения, засуха, заморозки, крупный град, снегопады, сильная жара. Из перечисленных природных явлений большую опасность ввиду массового характера распространения, представляют снежные лавины, оползни и сели.

Чрезвычайные ситуации наносят вред не только людям, но и ущерб экономике страны. Они влияют на жизнедеятельность населения, причиняют урон имуществу, а также нарушают баланс во всех жизненных системах.

Основными причинами сохранения и усугубления природных опасностей, является изменения климата. Также этому процессу способствует нерациональное размещение объектов экономики; распределение земельных участков в зонах потенциальной природной опасности; недостаточная эффективность систем мониторинга окружающей природной среды, несоблюдение сейсмостойкого строительства, особенно в горных местностях.

Анализ чрезвычайных ситуаций показывает, что в 2017 году в Республике Таджикистан были зарегистрированы 883 опасных природных явлений и процессов, из которых 720 случая схода лавин, 41 – селей, 32 – повышения уровня воды в реках, 23 – оползня, 33 – землетрясения, 21 – камнепадов и 13 – шквальных ветров. Из общего числа зарегистрированных случаев, 56 нанесли значительный материальный ущерб народному хозяйству и жителям республики.

Из общего числа зарегистрированных чрезвычайных ситуаций 20,2 % составили землетресения; 19,1 % –сели; 19,1 % – камнепады; 16 % – сход снежных лавин; 8,5 % – наводнения; 4,3 % – оползни; 3,2 % – сильные снегопады и холода; 3,2 % – сырость; 1,1 % – повышение уровня воды в реках и сильные ветра – 5,3 %.

Основными факторами гибели людей при ЧС природного характера являются: лавины – 21 человек (67,7 %), оползни – 2 человека (6,5 %), снегопады – 2 человека (6,5 %), камнепады – 3 человека (9,7 %), селевые потоки – 1 человек (3,2 %) и сильный ветер – 1 человек (3,2 %).

2 нафар (6,5 %), барфтудаҳо – 2 нафар (6,5 %), сел – 1 нафар (3,2 %) ва шамоли шадид – 1 нафар (3,2 %).

Ба ғайр аз он, дар соли 2017 дар натиҷаи офатҳои табиӣ 157 хонаи истиқоматӣ, аз онҳо 49 хона пурра вайрон шуда, кишти зироатҳои кишоварзӣ дар масоҳати – 605 га нобуд гардида, 16 пулҳо ва 1197 км асфалт ва рӯйпӯши болоии роҳҳои автомобилград вайрон гардиданд.

Бо мақсади гузаронидани корҳои сохтмонӣ-барқарорсозӣ аз 49 хонаҳои истиқоматӣ, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ пурра вайрон шуданд, 35 хонаи истиқоматӣ аз нав сохта шуданд. Сохтмони 14 хонаи истиқоматӣ то фарорасии давраи баҳору тобистон бозмонда шуд. Инчунин, барои оилаҳое, ки хонаҳои истиқоматиашон дар натиҷаи офатҳои табиӣ қисман зарар дидаанд, аз нав 28 хонаи истиқоматӣ дар ноҳияи Лахш, 6 хонаи истиқоматӣ дар ноҳияи Дарвоз ва 5 хонаи истиқоматӣ дар шаҳри Панҷакент сохта шуданд.

Дар соли 2017 бо Фармоиши Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оилаҳои зарардидаи ноҳияи Дарвози ВМКБ ва ноҳияи Лахш кумак дар намуди маводи сохтмонӣ, хаймаҳо, ва дигар лавозимоти барои зисти ҳарруза зарур ба маблағи 3 млн 195 ҳазору 636 сомонӣ ҷудо гардид, ки ба ноҳияҳои осебдида бо техникаи Кумита бурда расонида шуданд.

Ба ғайр аз он, ба оилаҳои зарардида аз буҷаи давлат кумаки якваќтаинаи моддӣ ба маблағи умумии 76 ҳазору 100 сомонӣ ҷудо карда шуд.

Бо супориши Роҳбари давлат, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ба зарардидагони деҳаи ҷамоати Амондараи шаҳри Панҷакент кумаки якваќтаина ҷудо карда шуд. Инчунин, дар доираи татбиқи Ёддошти тафоҳум "Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи омодагӣ, рафъ ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, инчунин, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим" байни КҲФ ва Барномаи озуқаворӣи ҷаҳонии СММ дар Тоҷикистон аз ҷониби онҳо кумакҳо дар намуди маводи хурока дар ҳаҷми 6,4 тонна расонида шуд.

Бо мақсади рафъи оқибатҳои боришоти пайдарпай дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд, ки рузҳои 13-18 апрел ва 24 июни соли 2017 ба амал омаданд, аз буҷети ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ 50 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд.

Таҳлили умумӣ нишон медиҳад, ки қисми асосии зарари иқтисодиро селҳо ва омили асосии ҳалокати одамонро тармаву барфтудаҳо ба бор меоранд. Бинобар ин, бо мақсади коҳиши зарари иқтисодии селҳо ва талафоти ҷонӣ зарур аст, ки дар миқёси ҷумҳурӣ чорабиниҳои иловагии муҳандисию техникӣ ҷиҳати ҳифзи аҳолӣ, иншооти иқтисодӣ ва ҳудуди кишвар таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Кроме того, в результате стихийных бедствий в 2017 году пострадали 157 жилых домов, их которых 49 домов были разрушены полностью, уничтожены посевы сельскохозяйственных культур на площади - 605 га, разрушены 16 мостов и 1197 км асфальтовых и грунтовых покрытий автомобильных дорог.

В целях проведения строительно-восстановительных работ из 49 жилых домов, которые полностью были разрушены в результате стихийных бедствий, заново были отстроены 35 жилых домов. Строительство 14 жилых домов было отложено до наступления весенне-летнего периода. Также для семей, чьи жилые дома частично пострадали в результате стихийных бедствий, заново отстроены 28 жилых домов в Ляхшском районе, 6 жилых домов в Дарвазском районе и 5 жилых домов в городе Пенджикенте.

В 2017 году Распоряжением Государственной Комиссии Правительства Республики Таджикистан по чрезвычайным ситуациям пострадавшим семьям Дарвазского района ГБАО и Ляхшского района была выделена помощь в виде строительных материалов, бытового инвентаря на общую сумму 3 млн 195 тыс. 636 сомони, которые были доставлены в пострадавшие районы техникой Комитета.

Кроме того, пострадавшим семьям из государственного бюджета была выделена единовременная помощь на общую сумму 76 тысяч 100 сомони.

По поручению Главы государства, местной исполнительной властью Согдийской области пострадавшим жителям села джамоата Амондара города Пенджикента была выделена единовременная помощь. Также, в рамках реализации Меморандума о «Сотрудничестве в сфере готовности, ликвидации и снижения риска стихийных бедствий, а также адаптации к изменению климата», подписанного между КЧС и Всемирной продовольственной программой ООН в Таджикистане им была оказана помощь в виде продуктов питания в объеме 6,4 тонн.

В целях ликвидации последствий ливневых дождей в Аштском районе Согдийской области, которые произошли 13-18 апреля и 24 июня 2017 года, из бюджета местной исполнительной власти района были выделены 50 тыс. сомони.

Общий анализ показывает, что основная доля экономического ущерба приходится на селевые явления. В целях снижения ущерба от селевых потоков и предотвращения гибели людей, Комитет по ЧС и ГО в 2017 году представил центральным и местным органам государственной власти рекомендации о разработке и проведении в селеопасных участках, селезащитных мероприятий, а в лавиноопасных участках построить противолавинные галереи.

Барои коҳиши зарар аз селомадҳо ва пешгирии талафоти одамон, Кумитаи ҲФ ва МГ дар соли 2017 ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавсияҳо доданд, ки дар қитъаҳои хатари селдошта чорабиниҳои зиддиселобӣ матраҳ ва амалӣ намуда, дар қитъаҳои тармафаро бошад, долонҳои зиддитармавӣ сохта шаванд.

Соли 2017 мутахассисони Кумита дар банақшагирии нуқтаҳои шаҳрӣ ва аҳолинишини нав иштирок намуда, онро мавриди омӯзиш қарор дода, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои лоиҳакашии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо оид ба қисмати «Чорабиниҳои муҳандисию техникии мудофиаи гражданӣ» ва «Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда» дар таркиби нақшаҳои куллии шаҳрҳо ва нуқтаҳои аҳолинишин, ба монанди шаҳраки Дустии ноҳияи Ҷайҳун, шаҳраки Ҷиликул, шаҳраки Теми шаҳри Хоруғ, шаҳраки Москваи ноҳияи М.С.А. Ҳамадонӣ, шаҳраки Қубодиёни ноҳияи Қубодиён, шаҳраки Балхии ноҳияи Балхӣ, шаҳраки Ғафуров ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, шаҳраки Бустони ноҳияи Мастчоҳ, марказҳои ноҳиявии ноҳияҳои Шаҳристон, Панҷ, Мурғоб, Айнӣ, Носири Хусрав, Дарвоз, инчунин, хонаи истиқоматии идоравӣ барои хизматчиёни давлатӣ дар ноҳияи Ишкошим пешниҳод карда шуданд.

Инчунин, мутахассисони Кумита якҷоя бо Институти геология, сохтмони ба заминларза тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коркарди меъёрҳои лоиҳакашӣ васохтмони хонаҳои истиқоматии устувор ба таъсирнокии офатҳои табиӣ иштирок намуданд.

В 2017 году специалисты Комитета участвовали в планировке новых городских и сельских населенных пунктов. Были изучены и представлены рекомендации органам государственной власти и проектным институтам Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан по внесению изменений в генеральные планы рядов городов и населенных пунктов, таких как поселок Дусти района Джайхун, поселка Джиликул, поселка Тем города Хорога, поселка Москва района М.С.А.Хамадони, поселка Кубодиён Кабадиянского района, поселка Балхи района Балхи, поселка Гафуров Бободжон Гафуровского района, поселка Бустон Матчинского района, районных центров Шахристанского, Пянджского, Мургабского, Айнинского, Носири Хусравского, Дарвазского, а также ведомственного жилого дома для госслужащих в Ишкашимском районе.

Также, специалисты Комитета участвовали совместно с Институтом геологии, сейсмостойкого строительства и сейсмологии Академии наук Республики Таджикистан в разработке норм проектирования и строительства жилых домов устойчивых к воздействию стихийных бедствий.

## МОНИТОРИНГИ КУЛИ САРЕЗ

Бо мақсади сари вақт хабардор намудани аҳолии дар мавзеи хатари зериобмонӣ қарордошта, Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кумаки молиявии Бонки Умумиҷаҳонӣ, Ҳукумати Швейтсария (SECO), ИМА (ЮСАИД), Агентии Оғо-Хон оид ба муҳити зист (Хабитат) ва Ҳукумати Япония дар сарбанди Усой системаи мониторинг ва хабардоркунии қаблии ҳозиразамонро насб намудааст. Мақсади он муҳофизат ва саривақт хабардор намудани аҳолии дар мавзеъҳои хатари зери обмонӣ қарордоштаи ҳудуди деҳаҳои назди дарёҳои аз Бартанг то Панҷ ва ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон, дар ҳолати эҳтимолан рахнашавии кули Сарез мебошад.

Бинобар ин дар ҳамаи нуқтаҳои аҳолинишини ноҳияи Рушон, шаҳрҳои Ҳоруғ ва Душанбе се на-

## МОНИТОРИНГ ОЗЕРА САРЕЗ

В целях своевременного оповещения населения, проживающего в зоне возможного затопления Комитетом по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан при финансовой поддержке Всемирного Банка, Правительства Конфедерации Швейцарии (SECO), США (ЮСАИД), Агентства Ага-Хана (Хабитат) и Правительством Японии на Усойском завале установлена современная система мониторинга раннего оповещения. Её целью является защита населения, проживающего в населённых пунктах, расположенных вдоль реки Бартанг и Пяндж, до района Хамадони Хатлонской области, которые в случае возможного прорыва Сарезского озера, могут попасть в зону затопления.

Для этого в населённых пунктах Рушанского района, городах Душанбе и Хорог установлены три



*Нуқтаи назоратии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда дар сарбанди Усойи кули Сарез.*

*Пункт контроля КЧС на Усойском завале озера Сарез.*

муд таҷҳизоти алоқа – КВ, УКВ ва моҳворавӣ ҷо ба ҷо карда шудааст. Дар марказҳои маъмурии ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Шамсиддини Шоҳин, Ҳамадонӣ ва марказҳои ҷамоатҳои ноҳияҳои номбурда низ як намудӣ алоқаи радиоии КВ насб карда шудааст.

Бо мақсади васеъ намудани доираи огоҳкунии қаблӣ, Кумита тасмим гирифтааст, ки насб намудани алоқаи родиоиро то ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон идома диҳад.

Барои назорати доимии гидрогеологӣ ва сейсмологӣ дар сарбанди Усой ва гирду атрофи кули Сарез, мониторинг бурда шуда, дар низоми ҳолати воқеии маълумотҳои лозимиро ба маркази ҷамъоварии маълумотҳо дар сарбанди Усой ирсол менамояд.

вида системы связи – КВ, УКВ, а также спутниковая связь для оповещения населения. В административных центрах районов Вандж, Дарваз, Шамсиддин Шохин, Хамадони, а также в джамоатах указанных районов, установлены по одному виду системы связи КВ.

В целях расширения системы раннего оповещения, Комитетом планируется установка радиосвязи до Шахритузского района Хатлонской области. Для постоянного гидрогеологического и сейсмологического наблюдения на Усойском завале и по периметру озера, ведется мониторинг, который в режиме реального времени передаёт необходимые данные в центр сбора информации на Усойском завале.




*Таҷҳизотҳо барои ченкунии сатҳи оби дарёи Мурғоб, ки аз кули Сарез ҷорӣ мешавад*

*Оборудования для измерения уровня воды реки Мургаб, протекающая из озера Сарез*





*Таҷҳизотҳои бақайдгиранда барои санҷиши сатҳи об ва баландшавии мавҷи кули Сарез*

*Оборудование, регистрирующее уровень воды и высоту волн Сарезского озера*





*Таҷҳизотҳои хабардоркунӣ дар нуқтаҳои аҳолинишини водии Бартанг*

*Оборудование оповещения в населённых пунктах долины Бартанг*





*Машқҳои тамринотӣ бо кӯчонидани аҳолӣ ба ҷазираҳои бехатар дар деҳаҳои водии Бартанг*

*Тренинг по эвакуации населения долины Бартанг на островке безопасности*




*Сатҳи оби кули Сарез (солҳои 2016–2017) Уровень воды озера Сарез (2016-2017)*

*Уровень воды Сарезского озера в 2016–2017 годы*




*Ихроҷи дарёи Мургоб (солҳои 2016–2017) Расход воды река Мургаб (2016-2017)*

*Расход воды в реке Мургаб в 2016–2017 годы*

Ҳамаи маълумотҳои воридшудаи мониторингӣ дар маркази ҷамъоварии маълумотҳои СКАДА-и Сарез (Маркази назорати таҳлилӣ ва ҷамъоварии маълумотҳо) коркард карда шуда, ба воситаи алоқаи моҳворавӣ ва радиоӣ ба СКАДА-и Душанбе ирсол мегарданд.

Бо қабули ишораи хавф таҷҳизотҳои номбурда дар давоми сонияҳои муайян, яку якбора аҳолии

Вся поступающая информация мониторинга обрабатывается в центре сбора информации СКАДА Сарез (Система общего контроля и сбора данных), а затем по спутниковой и радиосвязи передаётся в СКАДА Душанбе.

По сигналам датчиков в считанные секунды в случае чрезвычайных ситуаций, население попадающие в зону затопления, одновременно оповещаются по трём видам системы связи.




*Ҳарорати ҳаво дар минтақаи кули Сарез дар солҳои 2016–2017*

*Температура воздуха в районе Сарезского озера 2016–2017 г.*

минтақаи хавфнокро ба воситаи се намуди алоқа хабардор менамоянд.

Дар деҳаҳои водии Бартанг, ки ҷойгиршавии онҳо ба сарбанди Усой бениҳоят наздик буда, кучонидани аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ғайри имкон мебошад, ҷазираҳои бехавф муайян карда шуда, анборҳои захираи аввалияи ниёзи мардум, аз қабили доруворӣ, хаймаҳо, либосҳои гарм ва пойафзол, курпа, оташдонҳои оҳанин, ҷиҳозҳои ошхонавӣ ва лавозимоти хоҷагидорӣ ташкил карда шудааст.

Ҳамасола, дар ҳамкорӣ бо Агентии Оғо-Хон оид ба муҳити зист (Хабитат), ҷиҳати омодагии аҳолии водии Бартанг ба ҳолатҳои фавқулодда семинарҳои фаҳмондадиҳӣ ва машқҳои тамринотӣ гузаронида мешаванд.

Таҳлили маълумотҳо оид ба сатҳи оби кули Сарез нишон медиҳад, ки ба ҳолати 31 декабри соли 2017 сатҳи оби кул 2 метр баландтар шуда, ба нуқтаи 3262,48 м аз сатҳи баҳр баробар шудааст.

Сабаби баландшавии оби кул ба боришоти зиёди барф аз 30–50 % меъёри миёнаи солонаи давраи тирамоҳ ва зимистони солҳои 2016–2017 дар Тоҷикистон алоқаманд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳарорати солонаи ҳаво дар минтақаи кули Сарез дар соли 2017 ва бо муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, 2 дараҷа гармтар мебошад.

Бо сабаби баландшавии ҳарорати ҳаво дар фасли тобистон, мувофиқи маълумотҳо, дар муқоиса бо солҳои пешин зиёдшавии ихроҷ ва даромади оби дарёи Мурғоб ва шохаҳои он ба кули Сарез ба назар мерасад.

В случае чрезвычайной ситуации в населённых пунктах Бартангской долины, которые близко расположены к Усойскому завалу и где невозможна эвакуация населения, определены островки безопасности, где организованы склады с запасами, в частности палатки, тёплой одежды и обуви, одеяла, печки, кухонных принадлежностей и хозяйственного инвентаря.

Ежегодно, совместно с международной организацией Ага Хана по развитию «Хабитат» в целях подготовки населения Бартангской долины к чрезвычайным ситуациям, проводятся обучающие семинары и тренинги.

Анализ данных об уровне воды в Сарезском озере показывал, что по состоянию на 31 декабря 2017 года в озере уровень поднялся на 2 метра и составлял 3262,48 метра над уровнем моря.

Это связано с тем, что в зимне-весенний период 2016–2017 годов в Таджикистане выпало на 30–50 % снега больше средней нормы.

Анализ показывает, что среднегодовая температура воздуха в районе Сарезского озера за 2017 г., по сравнению с 2016 годом, потеплела на 2 градуса.

В связи с повышением температуры воздуха в летний период, согласно данным, по сравнению с предыдущим годом, отмечается увеличение расхода воды в реке Мургаб и её притоках в озеро Сарез.



*Баргузории мониторинги радиатсионӣ*

*Проведение радиационного мониторинга*



*Баргузории мониторинг дар майдонҳои боқимондаи урандор*

*Проведение мониторинга на хвостохранилищах*

## МОНИТОРИНГИ ИНШООТҲОИ РАДИАТСИОНӢ ВА КИМИЁВӢ

Соли 2017 аз тарафи мутахассисони Кумита мониторинги иншоотҳои хатарноки радиатсионӣ ва кимиёвии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дошта, гузаронида шуд.

Мақсади асосии гузаронидани мониторинг, ин муайянкунии маҳалҳои эҳтимолан хатарноки радиатсионӣ ва таъмини бехатарии радиатсионию кимиёвӣ, санҷиши ҳолати истифодабарӣ ё нигоҳдории моддаҳои хатарноки кимиёвӣ ва назорати таъмини бехатарии кимиёвии онҳо бо мақсади бартарафсозӣ хангоми баамалоии садамаҳо дар муассиса ва ташкилотҳо буд.

Таҳлили мониторинги ҳолати иншоотҳо ва корхонаҳое, ки дар истеҳсолоташон моддаҳои хатарноки кимиёвӣ истифода ё нигоҳдорӣ менамоянд, нишон дод, ки аз ҳама роҳи бехавф ин гузаштани истеҳсолот ба усулҳои технологияи нав, бо истифода аз моддаҳои бехатар мебошад. Агар дар соли 2007 – 42 адад иншоотҳои хатарноки кимиёвӣ бо истифодабарии хлор, аммиак, хлорпикрин ва кислотаҳо ба қайд гирифта шуда бошанд, дар соли 2012 моддаҳои хатарнок танҳо дар 28 иншоот истифода шудааст. Дар солҳои охир бо пешниҳоди мутахассисони Кумита 16 иншооти хатарноки кимиёвӣ ба технологияи бехавф гузаштаанд.

Соли 2017 мониторинги ҳолати 35 иншооте, ки пештар моддаҳои сахттаъсири заҳролудкунанда истифода мебурданд, гузаронида шуд, аз ҷумла:

## МОНИТОРИНГ РАДИАЦИОННЫХ И ХИМИЧЕСКИХ ОБЪЕКТОВ

В 2017 году специалистами Комитета был осуществлен мониторинг радиационных и химических опасных объектов, расположенных на территории Республики Таджикистан.

Основными целями проведения мониторинга являлись выявление радиационно-аномальных зон и обеспечение радиационной и химической защиты, проверка состояния использования или хранения аварийно-опасных веществ и контроль обеспечения их химической безопасности в целях предотвращения возникновения аварийных ситуаций на предприятиях и организациях.

Анализ мониторинга за состоянием объектов и производств, использующих или хранящих в своём производстве химически опасные вещества, показывает, что наиболее эффективным результатом является перевод этих производств на новые технологии с использованием безопасных веществ. Если, в 2007 году на учете состояло 42 химически опасных объекта, использующих аварийно химически опасные вещества – хлор, аммиак, хлорпикрин и кислоты, то в 2012 году – опасные вещества использовались только в 28 объектах. В последние годы 16 химически опасных объекта по рекомендациям специалистов Комитета перешли на безопасные технологии.

В 2017 году был осуществлен мониторинг состояния 35 объектов, которые ранее использовали



*Санҷиш оид ба манбаъҳои нурафканӣ*

*Проверка наличия источника ионизирующего излучения*

дар шаҳри Душанбе – 5, дар НТҶ – 11, дар вилояти Хатлон – 7, дар вилояти Суғд – 11 ва ВМКБ – 1.

Ҳангоми гузаронидани мониторинг аз тарафи мутахассисони КҲФ оид ба масъалаҳои ҳифзи радиатсионӣ ва кимиёвӣ ба ҳайати роҳбарикунандаи 25 иншоотҳои ҷумхурӣ ёрии методӣ ва амалӣ расонида шуд.

Яке аз самтҳои асосии Кумита ин муайянсозии маҳалҳои эҳтимолии радиатсионӣ мебошад.

